**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

Ҳуқуқҳои ашёӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ва мубрами ҳуқуқи маданӣ буда, молу мулки ғайриманқул объекти асосии он маҳсуб мешавад. Молу мулки ғайриманқул яке аз асосҳои бунёдии дилхоҳ низоми иқтисодӣ буда, ташкили шароити мусоид барои муомилоти молу мулки ғайриманқул аз вазифаҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои марбут ба молу мулки ғайриманқул дар ташкили ин муомилот нақши асосӣ дорад. Рушди истеҳсолот, фазои сармоягузорӣ ва некуаҳволии аҳолӣ бештар аз интихоби дурусти модели ҳуқуқии муносибатҳо дар самти молу мулки ғайриманқул вобаста аст.

Таърихан молу мулки ғайриманқул, ба монанди замин ва манзили истиқоматӣ дар ҳаёти инсоният нақши муҳим дошта, бо дарназардошти чунин арзиш танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба объекти мазкур ба таври хос сурат мегирад. Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар қонунгузорӣ арзишҳо ва принсипҳои асосии иқтисоди бозоргонӣ мустаҳкам гардида, қонунгузорӣ оид ба молу мулки ғайриманқул марҳила ба марҳила такмил дода шуд.

Пажуҳиши илмии масъалаҳои ба молу мулки ғайриманқул алоқаманд ба мустаҳкаму устувор ва рушди қонунгузорӣ имкон фароҳам меорад. Ҳамзамон, рушди бесобиқаи сохтмони биноҳои истиқоматӣ дар мамлакат ва фаъолияти хоҷагидории онҳо талаботро ба истифода ва муомилоти мадании молу мулки ғайриманқул дучанд мегардонад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масоҳати умумии манзил дар соли 2000-ум 112.61 млн метри мураббаъро ташкил дода, масоҳати мазкур дар соли 2020-ум ба 209.5 млн метри мураббаъ расидааст. Инчунин, дар соли 2023 аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» ва воҳидҳои сохтории он 60537 адад биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар баробари ин, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии мамлакат солҳои охир баҳсҳои зиёд доир ба реҷаи ҳуқуқи мадании қитъаи замин, муомилоти ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, сохтмони худсарона ва сохтмони молу мулки

ғайриманқул дар асоси ҳиссагӣ ба вуҷуд омадааст, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дахл доранд. Таҳқиқи мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта, дар амал татбиқ намудани бозори ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва такмили қонунгузорӣ мусоидат карда метавонад.

Дар ин замина, метавон гуфт, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ ва амалӣ вобаста ба шароити муосири Тоҷикистон мубрам мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, натиҷаҳои он ба рушди илми ҳуқуқи маданӣ, хосатан ҳуқуқи ашёӣ мусоидат мекунад. Инчунин, дар таҳқиқот самтҳои алоҳидаи дар стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ пешбинишуда таҳлил гардида, ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои онҳо ақидаҳои судманди илмӣ пешниҳод шудааст.

Таҳлили мазмуни диссертатсия, инчунин, ақида, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, асосноккунии андешаҳои илмии пешниҳодгардида ва таҳлилу тавзеҳи меъёрҳои қонунгузории дар он мустаҳкамгардида шаҳодати он аст, ки Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ мавзуи диссертатсияро ба таври амиқ дарк карда, қобилияти мустақилонаи илмӣ ва эҷодӣ дорад.

Ҳамзамон, таҳлили диссертатсия нишон дод, ки он бо истифода аз маводи амалӣ, аз ҷумла, таҷрибаи судӣ, нотариалӣ ва мақоми бақайдгирандаи ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул таҳия гардида, фарогири масъалаҳои муҳимми амалии мувофиқ ба воқеияти мамлакат аст.

1. Диссертатсия пажуҳиши илмии мукаммал буда, дорои ягонагии дохилӣ ва мантиқӣ мебошад, ки ҳолати мазкур аз ҷониби диссертант мустақилона навишта шудани онро тасдиқ менамояд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он ифода мегардад, ки андешаҳои илмии дар таҳқиқот пешниҳодгардида, навгониҳои илмӣ, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди фаъолияти таълимӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ ба таври васеъ истифода шуда метавонанд. Дар робита ба ин, диссертатсия ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат менамояд ва ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро дорад, пешниҳод шудааст.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 25 маводди илмӣ, аз ҷумла 1 монография, 11 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 10 мақола дар маҷаллаҳои дигар ва 3 маводи дигари илмӣ инъикос гардидааст, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқаманд мебошанд. Теъдоди маводи илмии нашргардида ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Дар диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё манбаъ вуҷуд надошта, сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё манбаъ тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудааст, ки ҳолатҳои мазкур аз риояи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, шаҳодат медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва ҳуҷҷатҳои дигари пешниҳоднамудаи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Шерзода Бурҳоналӣ Сабзалӣ дар мавзуи «Реҷаи ҳуқуқии молу мулки ғайриманқул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

– Исмоилов Шавкат Маҳмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Корманди шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Қодирзода Тоҳир Қамар – ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи давлатии таълмимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои шурои диссертатсионӣ — Сангинзод Д.Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои шурои диссертатсионӣ — Имомова Н.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои шурои диссертатсионӣ — Аминова Ф.М.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

24.09.2024